# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Фатулоҷони Умарзода дар мавзуи «Ҳумоми Табрезӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ**

Диссертатсияи Фатулоҷони Умарзода ба таҳқиқи масъалаҳои рӯзгор, осор ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти Ҳумоми Табрезӣ бахшида шудааст. Аҳаммияти назарии диссертатсияи мазкур дар он дида мешавад, ки рӯзгору осор ва вижагиҳои ғоявию бадеии ғазалҳои Ҳумоми Табрезӣ дар адабиётшиносии тоҷик бори аввал таҳқиқ мешавад.

Навгонии илмии диссертатсия дар он дониста мешавад, ки он дар адабиётшиносии тоҷик нахустин таҳқиқи ҷудогона доир ба Ҳумоми Табрезӣ ва ғазалиёти ӯ буда, дар он шарҳи ҳоли илмии адиб, нусхаҳои хаттии девон, мазмуну мундариҷа ва ҷиҳатҳои шаклии ғазалҳои шоир ба таври нисбатан комил таҳқиқ шудаанд.

Маводди диссертатсия ва дастовардҳои илмии таҳқиқро дар баррасии масъалаҳои назарӣ ва таърихии алоқаманд ба ҳунари ғазалсароии Ҳумоми Табрезӣ ва ҷиҳатҳои шаклии ғазал дар адабиёти форсии тоҷикӣ метавон мавриди истифода қарор дод. Натиҷаҳои таҳқиқ дар шинохти ҷанбаҳои назарии жанри ғазал ва таъйини мухтассоти ҳунарии ғазал маводди аз ҷиҳати назарӣ арзишманд хоҳад дод.

Диссертатсия ба талаботи банди 31, 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 6 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия иртиботи бевосита доранд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи Фатулоҷони Умарзода фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводди чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Фатулоҷони Умарзода истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои илмии таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои асосӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Фатулоҷони Умарзода дар мавзуи «Ҳумоми Табрезӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти ӯ» кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Фатулоҷони Умарзода дар мавзуи «Ҳумоми Табрезӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дар ҷаласаи шурои дессертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Исрофилниё Шарифмурод Раҳимзода** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;

- **Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович** – номзади илмҳои филологӣ, муовини директори Муассисаи давлатии «Хонаи китоби Тоҷикистон»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии омӯзгории тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ М. Нарзиқул

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ М.З. Низомӣ

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Сироҷиддини Эмомалӣ

22 ноябри соли 2024